*Конституцсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 64-65 (4804-4805) | ЧОРШАНБЕ, 22 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

**22-юми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар маросими видоъ ва изҳори таъзия бинобар даргузашти фоҷиавии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайидиброҳим Раисӣ ба шаҳри Теҳрон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ менамоянд.

**www.prezident.tj**



## МАШВАРАТИ КОРӢ

**Бистуми майи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, роҳбарони як қатор сохторҳои марказии кишвар ва вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ машварати корӣ доир намуданд.**

Дар машварат нахуст масъалаи бартараф намудани оқибати офатҳои табиӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар, таъмиру боз намудани роҳҳои осебдида ва расондани кумакҳои зарурӣ ба мардуми зарардида баррасӣ шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масоил ва ҳамчунин, барои иҷрои супоришҳои рӯзи 9 март дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар додашуда, аз ҷумла барои таъмини волоияти қонун ва амну суботи устувор дар ҷомеа, ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

## ИЗҲОРИ ТАСАЛЛИЯТ



**21-уми майи соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода, роҳбарияти Ҳукумати мамлакат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе ташриф оварда, ба роҳбарият ва мардуми шарифи ин кишвари дӯсту бародар дар робита ба даргузашти фоҷиабори Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайидиброҳим Раисӣ ва ҳайати ҳамроҳонаш дар ҳодисаи суқути чархбол изҳори тасаллияту ҳамдардӣ намуданд.**

Таъкид карда шуд, ки хабари фоҷиавии даргузашти Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайидиброҳим Раисӣ ва ҳамроҳонаш бар асари суқути чархбол боиси андуҳи амиқи роҳбарият ва тамоми мардуми Тоҷикистон гардидааст.

Саҳм ва кӯшишҳои Сайидиброҳим Раисӣ дар густариши робитаҳои дӯстонаи Тоҷикистону Эрон ва ҳамкорӣ дар масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ бузург арзёбӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки мардум ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин лаҳзаҳои ғамангез ғамшарики ин кишвари дӯсту бародар ва мардуми он буда, ба наздикону пайвандони фавтидагон ҳамдардии амиқ изҳор медоранд.

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**Субҳи рӯзи 21- уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва як қатор ноҳияҳои кишвар суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоришҳои раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, роҳбарони ноҳияҳои Восеъ, Рашт, Нуробод ва Сангворро доир ба оқибатҳои боронҳои шадид ва селу обхезӣ шунида, ба онҳо доир ба ҳар чӣ зудтар бартараф намудани паёмадҳои офатҳои табиӣ, аз ҷумла барқарор намудани роҳу пулҳои вайроншуда ва расондани кумакҳои зарурӣ ба мардум барои ҷуброн намудани зарари расида ба хонаю рӯзгор ва заминҳои кишташон, супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ОИД БА ТАҶДИДИ РОҲИ ГУЛИСТОН–ФАРХОР–ПАНҶ–ДӮСТӢ

**Бисту дуюми майи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС**: **- Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм, муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Қаландарзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.



**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа даҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»**

**2. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»**

**3. Дар хусуси Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»**

**4. Дар хусуси Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**




## «ДУШАНБЕ - ШАҲРИ ҲУШМАНД»

**Бо ҳамин ном бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон 20-уми майи соли 2024 дар Маркази ЭКСПО-и шаҳри Душанбе ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид.**

Тавре масъулини чорабинӣ иттилоъ доданд, дар намоишгоҳ ҳудуди 50 идораю ташкилот, аз ҷумла муассисаҳои инноватсионию технологӣ, илмию таълимӣ, ширкатҳои бахши IT-и ҳудуди шаҳри Душанбе, дастовардҳои илмию инноватсионӣ ва техникию технологии худро ба маъраз гузоштаанд.

Муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода зимни ифтитоҳи чорабинӣ иттилоъ дод, ки ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонон бо ташаббуси бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ ба техникаю технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, бедор намудани шавқу рағбати хонандагон ба эҷодкорӣ, омӯзиши амиқи илмҳои дақиқ ва риёзӣ, ташаккули фарҳанги техникӣ, сайқал додани донишу маҳорат ва дастгирии ихтироъкорону навоварони наврасу ҷавон, ҷалби хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар байни хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе баргузор карда мешавад.

Дар доираи чорабинӣ баргузор гардидани форуми наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, конференсияи илмӣ оид ба «Зеҳни сунъӣ ва омӯзиши он дар муассисаҳои таълимӣ», дарси маҳорат, инчунин, озмунҳои «Омӯзгори муосир», «Беҳтарин кабинети фанни технологияи иттилоотӣ» низ дар назар аст.

Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе то 24 май идома ёфта, ғолибон бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ мешаванд.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ОИД БА ТАҶДИДИ РОҲИ ГУЛИСТОН–ФАРХОР–ПАНҶ–ДӮСТӢ

(Идома аз саҳ. 1)



**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки 20-уми декабри соли 2023 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 154,3 млн. доллари амрикоиро ташкил намуда, дар маҷмӯъ, таҷдид ва сохтмони 139,6 км роҳро дар бар мегирад.

Арзиши марҳилаи якуми лоиҳа, ки таҷдид ва сохтмони 29,6 км роҳро аз деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ то маркази ноҳияи Фархор дар бар мегирад, 41,0 млн. доллари амрикоиро ташкил намуда, маблағгузории он тибқи созишномаҳои ба баррасӣ пешниҳодшуда аз ҳисоби қарзи Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ ба маблағи 10,0 млн. доллар, қарзи Бонки исломии рушд дар ҳаҷми 27,0 млн. доллар ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,0 млн. доллар амалӣ мегардад.



Дар доираи лоиҳаи мазкур, инчунин, 9 пул таҷдид ва 10 км роҳҳои пайвасткунанда мумфарш гардида, барои назорати динамикии вазн ва андоза системаҳои муосири технологӣ насб карда мешавад.

Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- сохтмони роҳи асосӣ, таҷдиди пул, мумфаршгардонии роҳҳои пайвасткунанда ва кӯчонидани аҳолӣ дар ҳаҷми 32,7 млн. доллар;
- насби системаҳои муосир барои назорати динамикии вазн ва андоза дар ҳаҷми 1,2 млн. доллар;
- дастгирии татбиқи лоиҳа дар ҳаҷми 850 ҳазор доллар;
- хизматрасонии мушовир барои идораи лоиҳа ва аудити молиявӣ ба маблағи 2,4 млн. доллар;
- маблағи ғайричашмдошт дар ҳаҷми 3,9 млн. доллар;
- қисмати вокуниш ба ҳолати фавқулода, ки ҷузъи алоҳида бо арзиши сифрӣ мебошад, имкон медиҳад, ки захираҳои лоиҳа барои пӯшонидани фаъолиятҳои вокуниш ба ҳолати фавқулода дар ҳолати офатҳои табиӣ, пандемия ва ғайра истифода карда шаванд.

Маблағҳои қарзии Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ, ки 10 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад, 9 млн. барои қисмати корҳои сохтмонӣ, махсусан сохтмони роҳи асосӣ, равона карда мешавад ва 1,0 млн. доллар ҳамчун маблағҳои ғайричашмдошт пешбинӣ шудааст.

Маблағҳои қарзии мазкур бо доллари амрикоӣ бо шартҳои зерин, аз ҷумла:

- муҳлати қарз - 20 сол;
- давраи имтиёзнокии он - 5 сол;
- меъёри фоизи солона - 1,5 фоиз ҷалб мегарданд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 пешбинӣ шудааст.

Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло дода мешавад. Марҳамат.

**Хайрулло АМОНУЛЛО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» 20-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2024, №2206 созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.



Вобаста ба мазмун ва муҳтавои созишномаи мазкур вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода муфассал маълумот доданд.

Ҳаминро қайд бояд намуд, ки маблағгузории умумии лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» тибқи ҳисобҳои пешакӣ 41,0 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки он аз ҳисоби маблағҳои Фонди ОПЕК, Бонки исломии рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Аз маблағи умумии ҷудошаванда барои амалишавии лоиҳаи мазкур маблағҳои Фонди ОПЕК 10 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳанд. Қарзи пешниҳодшаванда имтиёзнок буда, дар мувофиқа бо Фонди ОПЕК ба муҳлати 20 сол бо давраи имтиёзии 5-сола ва меъёри солонаи 1,5 фоиз муқаррар гардидааст.

Тазаккур бояд дод, ки роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ ҳанӯз соли 1932 сохта шуда, айни замон таъмирталаб мебошад. Ин роҳ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ниҳоят муҳим дошта, як ҷузъи шоҳроҳи байналмилалӣ мебошад ва барои дастрасӣ ба масирҳои дохилию хориҷӣ ва бандарҳои баҳрӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи якуми амалишавии лоиҳа 29,6 км роҳ таҷдид ва навсозӣ гардида, 10 км роҳҳои пайвасткунанда мумфарш гардида, ҳамчунин, дар роҳ барои назорати динамикии вазну андозаи мошинҳои калонҳаҷми боркаш системаи муосир насб карда мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 15-уми майи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои молия ва нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намудани онро мувофиқи мақсад шуморид.

Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» -ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки 21-уми апрели соли 2024 ба имзо расидааст, манзур мегардад.

Тавре дар маърӯзаи қаблӣ қайд карда шуд, арзиши марҳилаи якуми лоиҳа, ки таҷдид ва сохтмони 29,6 км роҳро аз деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ то маркази ноҳияи Фархор дар бар мегирад, 41,0 млн. доллари амрикоиро ташкил менамояд. Маблағи созишномаи қарзии мазкур, ки аз Бонки исломии рушд ҷалб мегардад, 14,2 млн. динори исломӣ (баробар ба ҳуқуқи махсуси қарздиҳӣ) баробар ба 19,0 млн. доллари амрикоиро ташкил намуда, бо шартҳои зерин, аз ҷумла:

- муҳлати қарз 25 сол;
- давраи имтиёзнокии он 7 сол;
- меъёри фоизи солона 1,5 фоиз ҷалб мегардад.

Маблағҳои қарзии мазкур барои сохтмони роҳи асосӣ, мумфаршгардонии роҳҳои пайвасткунанда, насби системаҳои муосир барои назорати динамикии вазн ва андоза, дастгирии татбиқи лоиҳа ва хизматрасонии мушовир барои идораи лоиҳа ва аудити молиявӣ равона мегарданд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 пешбинӣ шудааст.

Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Бахтиёр Аҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Бахтиёр АҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.



Маврид ба зикр аст, ки роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ ҳамчун ҷузъи шоҳроҳи байналмилалӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, ба тавсеаи гардиши мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, тиҷорати наздисарҳадӣ, рушди сайёҳӣ, коҳиши нархи молу маҳсулот ва хизматрасонии нақлиётӣ мусоидат менамояд. Инчунин, азнавсозии роҳи автомобилгарди мазкур имкон медиҳад, ки ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тавассути ноҳияи Панҷ ва минбаъд тавассути Фархор-Гулистон-Кӯлоб-Хоруғ-Мурғоб ба воситаи гузаргоҳи Кулма ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат гирад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 15-уми майи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои молия ва нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намудани онро мувофиқи мақсад шуморид. Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки 21-уми апрели соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Тибқи созишномаи чаҳорҷӯбавии мазкур маблағгузорӣ аз ҳиссаи Бонки исломии рушд 27,0 млн. долларро ташкил дода, 8,0 млн. доллари он дар шакли нави маблағгузорӣ, ки бо талаботи шариат таҳия гардидааст, ҷудо мегардад. Муҳлати қарз 20 солро бо 4 соли давраи имтиёзнокӣ ташкил дода, меъёри фоизи он тағйирёбанда (SOFR) мебошад, ки арзиши он дар иртибот ба вазъи бозорҳои молиявӣ ташаккул меёбад. Маблағи мазкур асосан таҷдиди пулҳо (7,5 млн. доллар) ва маблағи ғайричашмдошт (0,5 млн. доллар)- ро дар бар мегирад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» 21-уми апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми майи соли 2024, №2208 созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Созишномаи мазкур бо мақсади муайян намудани меъёрҳои умумии танзимкунандаи уҳдадории тарафҳо вобаста ба амалишавии лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки аз ҳисоби маблағҳои Бонки исломии рушд дар ҳаҷми 27 млн. доллари амрикоӣ анҷом дода мешавад, пешниҳод гардидааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 15 - уми майи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои молия ва нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намудани онро мувофиқи мақсад шуморид. Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки 21-уми апрели соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Созишномаи мазкур қисми таркибии созишномаи чаҳорҷӯбавӣ буда, тартиби истифодабарии маблағи 8,0 млн. доллари амрикоиро танзим менамояд.

Созишномаҳои чаҳорҷӯбавӣ ва агентӣ яке аз шаклҳои нави маблағгузории Бонки исломии рушд мебошад, ки тибқи талаботи шариат ва бонки мазкур таҳия шудааст. Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Неъматулло Холбойзода дода мешавад. Марҳамат.

**Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон – Фархор – Панҷ - Дӯстӣ, марҳилаи 1» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Созишнома бо мақсади муайян ва ҷалби агенти иҷроия вобаста ба татбиқ ва амалишавии лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», ки аз ҳисоби маблағҳои Бонки исломии рушд дар ҳаҷми 27 млн. доллари амрикоӣ анҷом дода мешавад, пешниҳод гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои молия ва нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намудани онро мувофиқи мақсад шуморид. Он ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насиба Содиқӣ дода мешавад.

**Насиба СОДИҚӢ:** - Пешниҳод дорам, ки агар имкон бошад, ҳангоми сохтмон ва таҷдиди роҳҳо ҷойҳои дастшӯӣ ба инобат гирифта шавад. Чунки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо бояд соҳаи сайёҳиро рушд диҳем. Агар чунин кор шавад, фикр мекунам, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ такон мебахшад.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» бо мақсади ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин, бо дарназардошти ба талаботи муосири меъёрэҷодкунӣ мутобиқ намудани он таҳия гардидааст.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли молиявии дахлдор барои ҳисоб намудани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ҳамзамон, барои ҳисоб кардани кумакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ муқаррар карда мешавад.

Яке аз талаботи асосӣ барои муқаррар намудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ин таваррум мебошад, ки дар матни тоҷикии қонуни амалкунанда ҳамчун «беқурбшавӣ» ифода гардидааст, ҳол он ки беқурбшавӣ (беқурбшавии пул) танҳо яке аз нишондиҳандаи таваррум ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, дар лоиҳаи қонуни мазкур талабот оид ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо мукаммал карда шуд. Ҳамзамон, дар матни тоҷикии қонуни пешниҳодшуда калимаю иборахо ба имлои забони тоҷикӣ ва ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ карда шуданд. Аз ин рӯ, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ ва қабул намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ОИД БА ТАҶДИДИ РОҲИ ГУЛИСТОН–ФАРХОР–ПАНҶ–ДӮСТӢ

**(Идома аз саҳ. 2)**

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Омӯзиш нишон дод, ки матни қонуни амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз ҷумла техникаи меъёрэҷодкунӣ мутобиқ набуда, такмилдиҳии ҷиддиро тақозо менамояд. Инчунин, моддаҳо дар қонуни амалкунанда ном надошта, қисмҳои моддаҳо рақамгузорӣ нагардида буданд, ки чунин ҳолат дар мухолифат ба талаботи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қарор дошт.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон 9 таклиф пешниҳод намуданд, ки қисме аз онҳо қабул шуд. Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва ё яклухт қабул карда шавад? Пешниҳод аст, ки яклухт ба овоз монда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода дода мешавад. Марҳамат.

**Умед БОБОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар қабул ва мавриди амал қарор доштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» бо мақсади мувофиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» таҳия шудааст.

Барои қабули қонуни зикргардида дар доираи тавсияҳои дахлдори даври дуюми Шарҳи универсалии даврии Шурои СММ гурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҳайати намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2023 таъсис дода шуд, ки лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби ин гурӯҳ таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро пешниҳод менамояд: Пеш аз ҳама, дар лоиҳаи қонуни мазкур як қатор калимаҳо тибқи талаботи қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ иваз карда шуда, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти меъёри пешбининамудаи қисми 1 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз ҳисобида шудааст.



Муқаррароти «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аризаю шикоятҳоро оид ба баҳсҳои байни шахсони воқеӣ, ба истисноӣ баҳсҳо оид ба ҳолатҳои табъиз баррасӣ наменамояд» дар қисми 1 моддаи 17 ба он хотир илова карда шудааст, ки тибқи меъёрҳои амалкунанда Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳоро оид ба баҳсҳои байни шаҳрвандон баррасӣ намекард, аммо тибқи талаботи сархати 3 қисми 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» мақоми ваколатдор ариза ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсонро оид ба ҳолатҳои табъиз баррасӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, муқаррароти ду қонун бо ҳам мутобиқ карда мешаванд.

Моддаи $17^1$ (Фаъолияти миёнҷигарӣ (медиатсия) ба он хотир илова карда шудааст, ки тибқи сархати 4 қисми 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» мақоми ваколатдор вобаста ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз оид ба оштикунонии тарафҳо миёни қурбонии эҳтимолии табъиз ва шахси эҳтимолан кирдори табъизро содиркарда чораҳо меандешад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти он ки тибқи сархати 2 қисми 2-и моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» мақоми ваколатдор экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронад ва хулосаи худро оид ба мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунгузорӣ дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз пешниҳод мекунад, дар лоиҳа чунин ваколати Ваколатдор пешбинӣ карда шудааст.

Тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 25 ва 26, бо дарназардошти он ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳар сол на дертар аз моҳи феврал оид ба масъалаҳои алоҳидаи вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳамзамон, дар бораи вазъи риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз маърӯзаи махсус ирсол менамояд, ворид карда шудаанд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида аз 8 қисм иборат буда, тибқи он ба 21 моддаи қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда мешавад.



Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиётро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни зикргардида ба талаботи боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммаддовуд Саломиён дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2023, №32/10-181 ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида таҳия намудааст.

Мавриди зикр аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Оинномаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 14 январи соли 2022, №313 Оинннома ва сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ карда шуда, номи «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, зарурат ба миён омадааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Оинномаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 14 январи соли 2022, №313 мутобиқ гардонда шаванд.

Тибқи моддаи 124 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва дастурҳои бехатарии радиатсионӣ ба андозаи аз бист то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин шудааст.

Тибқи моддаи $96^1$ мақоми танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1419) дар доираи салоҳияти худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаи 124 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамояд. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақоми танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ директори Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директорони филиалҳои он ҳуқуқ доранд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1419).

Тибқи талаботи бандҳои 13, 14 ва 15 тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад. Қабули санади мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 - уми майи соли 2023, №2191 ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулоса супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШУРИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади дастгирии иҷтимоии шахсони имконияташон маҳдуд таҳия гардида, ба баррасии шумо пешниҳод карда мешавад.

Дар асоси моддаи 90 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намуди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ба ҳисоб меравад. Корманд ҳуқуқ дорад, новобаста аз корфармо ва намуди шартномаи меҳнатии бо онҳо басташуда, шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот ва музди меҳнат ба рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин ё рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда барояд. Мутобиқи моддаи 94 Кодекси меҳнат, ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон бо дар назар доштани шароит ва хусусияти уҳдадориҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо рухсатии асосии дарозкардашуда аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шудааст, ки он мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ба қисми 2 моддаи 94 Кодекси меҳнат сархати дувоздаҳум илова гардида, дар асоси он ба кормандоне, ки кӯдаки маъюби то синни 18-ро танҳо тарбия мекунанд, ба муҳлати 35 рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дастгирии иҷтимоии кормандоне, ки кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳро танҳо тарбия мекунанд, таҳия гардида, барои чунин шахсон рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашударо ба муҳлати 35 рӯзи тақвимӣ муқаррар менамояд. Дар ин замина ба қисми 2 моддаи 94 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашударо танзим менамояд, илова гардидани сархати дувоздаҳум пешбинӣ шудааст. Минбаъд, кормандоне, ки кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳро танҳо тарбия мекунанд, 35 рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда мешавад.



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 - уми майи соли 2024 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро пурра ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дохилии Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро барои баррасӣ ба иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Қаландарзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳабибулло ҚАЛАНДАРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» дар асоси талаботи банди 6 Низомномаи Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми декабри соли 2017, № 595 тасдиқ шудааст, бо мақсади мушаххас намудани ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фитосанитарӣ ва карантини растанӣ ва ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ намудани он таҳия гардидааст. Бинобар ин, дар қонуни мазкур як қатор тағйиру иловаҳо пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 1 қонун сархати сию чорум бо мазмуни зерин: « - сертификати карантинӣ - ҳуҷҷати якдафъаинаи расмие мебошад, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ барои интиқоли маводи таҳти карантинӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ дода шуда, мутобиқатии маводи мазкурро ба қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ тасдиқ мекунад;», бо мақсади пурра кардани доираи фаъолият ворид карда шуд, зеро дар муқаррароти қонуни мазкур бо вуҷуди дар қонунгузории соҳавӣ мавҷуд будани мафҳуми сертификати карантинӣ ин мафҳум шарҳ дода нашудааст.



Вобаста ба зарурати ворид намудани мафҳуми «сертификати карантинӣ» дар лоиҳаи мазкур, ҳаминро қайд менамоем, ки қаблан дар банди 6 Низомномаи собиқ Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзӣ ваколати додани сертификати карантинӣ ба собиқ хадамот вогузор шуда буд, вале ҳангоми таъсиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ бо сабабҳои номаълум ин ҳуҷҷат дар низомномаи амалкунандаи кумита дарҷ нагардидааст.

Мавриди зикр аст, ки сертификати карантинӣ ҳамчун ҳуҷҷати якдафъаинаи расмӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ барои интиқоли миқдори муайяни маводи таҳти карантинӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ дода шуда, мутобиқати маводи мазкурро ба қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ тасдиқ мекунад. Агар ҳуҷҷати мазкур бо тартиби муқарраргардида ба роҳ монда нашавад, оқибат хатари паҳн гардидани зараррасонҳои карантиниро дар ҳудуди ҷумҳурӣ бештар менамояд. Инчунин, сертификати карантинӣ дар таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Россия низ ба роҳ монда шудааст. Аз ин лиҳоз, ворид кардани мафҳуми «сертификата карантинӣ» дар лоиҳаи қонуни мазкур зарур мебошад.

Боиси қайд аст, ки бо дарназардошти муҳимияти ҳуҷҷатҳои мазкур дар соли 2023 сертификатҳои карантинӣ ва фитосанитарӣ ҳамчун ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ворид карда шуд. Бинобар ин, ба сархатҳои дувоздаҳум ва сию чоруми моддаи 1-и қонун, баъди калимаи «ҳуҷҷати» калимаи «якдафъаинаи» илова карда шуд, зеро сертификати фитосанитарӣ ва иҷозати воридоти карантинӣ ҳамчун ҳуҷҷати якдафъаинаи расмӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ барои интиқол ва воридоти миқдори муайяни маводи таҳти карантинӣ дода шуда, мутобиқати маводи мазкурро ба қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ тасдиқ мекунад. Ҳамзамон, бо пешниҳоди Вазорати адлия дар сархати шашуми қисми 2 моддаи 6 лоиҳа калимаҳои «пардохтҳои ҳатмӣ» ба калимаи «пардохтҳоро» иваз карда шуд, зеро дар муқаррароти мазкур на ҳамаи пардохтҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пардохтшаванда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ мебошанд. Бинобар ин, калимаҳои «пардохтҳои ҳатмӣ» ба калимаи «пардохтҳоро» иваз карда шуд, ки ҳама намуди пардохтҳоро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, муқаррароти моддаи 8 лоиҳаи «қонун ба талаботи моддаи 7 қонун мутобиқ гардонда шуд. Яъне, калимаҳои «организмҳои зараррасони карантинӣ» ба калимаҳои «номгӯйи организмҳои зараррасони карантинии маҳдудпаҳнгашта» иваз карда шуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

(Идома аз саҳ. 3)

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ОИД БА ТАҶДИДИ РОҲИ ГУЛИСТОН–ФАРХОР–ПАНҶ–ДӮСТӢ

Илова бар ин, дар моддаи 8 сархати ҳаштум дар таҳрири зерин: «- амалӣ намудани сертификатсияи маводи таҳти карантин қарордошта, додани сертификати карантинӣ ва сертификати фитосанитарӣ барои интиқоли маҳсулоти растанӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он ба хориҷа;» ифода карда шуда, инчунин, сархати нуҳум бо мазмуни зерин: «- додани иҷозати воридоти карантинӣ барои ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маводи таҳти карантин қарордошта;» илова гардида, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ гардонда шуд.

Дар моддаи 8 лоиҳаи қонуни мазкур сархати шонздаҳум бо мазмуни зерин: « - татбиқи ҷазои маъмурӣ нисбати шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои риоя накардани қоидаҳои таъмини карантини растанӣ;» илова карда шуд, чунки тибқи талаботи моддаи 106 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми бехатарии озуқаворӣ дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, дар моддаи 8-уми лоиҳаи қонун сархати ҳабдаҳум бо мазмуни зерин: « -расондани хизмати музднок ба тарафҳои манфиатдор ҳангоми таҳлили лабораторӣ, азназаргузаронӣ, ташхиси маводи таҳти карантин қарордошта, сертификатсияи фитосанитарию карантинӣ, фумигатсия ва чорабиниҳои дигари таъмини карантини растанӣ ва истифодаи минбаъдаи ин маблағҳо тибқи қонунгузорӣ;» илова карда шуд. Тазаккур бояд дод, ки қаблан дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» пешниҳоди хизматрасонии музднок муқаррар шуда буд, аммо ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2 январи соли 2019, № 1567) «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» бо сабабҳои номаълум ин модда хориҷ карда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки хизматрасонии музднoки кумита дар асоси моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» аз соли 2018 дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ амал намуда, аз ин ҳисоб дар давоми солҳои 2018 то 2023 ҳамасола бо меъёри 25 фоиз ҳамчун дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ маблағ пардохт гардида, дар баробари ин, аз ин ҳисоб ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба кормандони мақомоти ҳудудӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 10 бинои маъмурии муҷаҳҳаз бо тамоми ашёву лавозимоти зарурии муосир сохта ба истифода дода шудааст. Бинобар ин, дар лоиҳаи қонуни мазкур ворид кардани ваколати расондани хизмати музднок ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоанвар АХМЕДОВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Вобаста ба ин, дар моддаи 1 сархати нав оид ба мафҳуми сертификати карантинӣ (сархати сию панҷум) ҳамчун ҳуҷҷати расмии якдафъаина пешбинӣ шудааст. Инчунин, ба моддаи 8 қонуни амалкунанда, ки ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи карантин ва муҳофизати растаниҳоро муқаррар менамояд, сархати ҳаштум оид ба амалӣ намудани сертификатсияи маводи таҳти карантин қарордошта дар таҳрири нав ифода карда шудааст.

Ба моддаи 8 қонуни мазкур сархатҳои нав оид ба додани иҷозати воридоти карантинӣ (сархати нуҳум), татбиқи ҷазои маъмурӣ нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (сархати шонздаҳум) ва хизматрасонии музднок аз ҷониби мақомоти бехатарии озуқаворӣ (сархати ҳабдаҳум) барои гузарондани таҳлили лабораторӣ, азназаргузаронӣ, ташхиси маводи таҳти карантин қарордошта, сертификатсияи фитосанитарию карантинӣ, фумигатсия ва чорабиниҳои дигари таъмини карантини растанӣ илова карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, 9 таклиф ирсол намуданд, ки аксари он дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ қабул карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад ва амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро тибқи дастуру супоришҳои дар Рӯзи дониш, яъне 1 сентябри соли 2023 ироанамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба зарурати аз низоми 5-сола ба низоми 3-сола гузарондани такмили ихтисоси омӯзгорон таҳия намудааст.



Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати технологияҳои иттилоотию таълимӣ рақамикунонии соҳаи маориф ва ба кор андохтани маорифи рақамӣ, таълими электронӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим, муҳлати дар 5 сол як маротиба аз такмили ихтисос гузаштани омӯзгор фосилаи тӯлонӣ буда, ба он имкони сари вақт бархӯрдор шудан аз навгониҳои соҳа ва таҷрибаи пешқадамро, бахусус дар шароити мутобиқгардонии таҳсилот ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмин карда наметавонад.

Бо дарназардошти ин, гузариш аз фосилаи 5 ба 3-солаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ, зарурати ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - ро тақозо дорад. Бинобар ин, дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки дар сархати дувоздаҳуми қисми 1 моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро муқаррар намудааст, рақами «5» ба рақами «3» иваз карда шавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия ва мувофиқа гардида, бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Даринг РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳким бахшидани раванди такмили ихтисоси омӯзгорон ва фароҳам овардани имкон ва шароити бештар барои мунтазам бархӯрдор намудани онҳо аз навгониҳо ва технологияи муосир дар раванди таҳсилот таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур муҳлати аз такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон аз ҳар 5 сол ба ҳар 3 сол иваз карда мешавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 – уми майи соли 2024, №2205 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БАРРАСИИ РОБИТАҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ БО ЧИН



**21-уми майи соли 2024 вакилони Маҷлиси намояндагон бо роҳбарии раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода бо муовини раиси Комиссияи доимии Конгресси халқии музофоти Шандуни Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Лян ва ҳайати ҳамроҳонаш мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки Чин ва давлатҳои Осиёи Марказиро равобити муштарак мепайвандад ва Чину Тоҷикистон ҳамеша ҳамсоя ва дӯстони хуб, шарикони боэътимод ва бародар буданд. Ин далели он аст, ки байни сарварони Тоҷикистон ва Чин - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Си Ҷинпин муносибатҳои неки корӣ ва дӯстии шахсӣ густариш ёфта, барои рушди муносибатҳои дуҷониба заминаи мустаҳками сиёсӣ ва дурнамои рушд муайян гардидааст.

Таъкид гардид, ки ба шарофати ирода ва талошҳои ҳар ду ҷониб муносибатҳо ба сатҳи шарикии стратегӣ расида, барои тавсеаи рӯзафзуни ҳамкориҳои бисёрҷанба заминаи мусоид фароҳам мебошад. Аз ин рӯ, густариши муносибатҳо дар тамоми соҳаҳо ба манфиати на танҳо Тоҷикистон ва Чин, балки ба таҳкими сулҳу субот дар минтақа ҷавобгӯ буда, ҳар ду ҷониб минбаъд низ ин равандро ҳамчун самти стратегии ҳамкорӣ мақсаднок пеш мебаранд.

Гуфта шуд, ки мубодилаи мақомоти қонунгузор ҷузъи муҳими муносибатҳои ҳар ду давлат мебошад, ки бо роҳбарии сарварони ҳар ду давлат дар сатҳи баланд бо натиҷаҳои судманд рушд мекунад.

Дар солҳои охир мақомоти қонунгузори Тоҷикистон ва Чин равобити наздик ва ҳамкориро ҳифз карда, дар густариши он нақши муҳим бозидаанд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Чин, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ОҚИБАТҲОИ ОФАТИ ТАБИӢ ДАР ВОСЕЪ БАРТАРАФ МЕГАРДАНД

**18-уми майи соли ҷорӣ ба асари боронгариҳои пуршиддат сатҳи оби дарёи Ёхсу баланд гардида, ба деҳаҳои Кӯчабоғ ва Ниҳолпарвар (Лесаптовник)-и деҳоти ба номи Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ зарар расонд. Дар натиҷа, майдони кишт ва хонаю иншооти ёрирасони сокинон зери обу лой монд.**

Бахри бартараф кардани офати табиӣ комиссияи махсус аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода дар минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Восеъ ташкил гардида, ба ҷойи ҳодиса сафарбар шуданд.

Субҳон Усмониён, сардори шуъбаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар ноҳияи Восеъ, зимни суҳбат ба хабарнигори рӯзнома гуфт, ки дар натиҷаи обхезӣ тақрибан 11 гектар заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла боғу токзор, 2 ҳавзи моҳипарварӣ, 80 хоҷагӣ бо



иншооти ёрирасон, зарар диданд. Як қисмати роҳи мошингарди Кӯлоб низ таъмирталаб гардидааст.

Ӯ, ҳамчунин, изҳор дошт, ки сокинон ба ҷойҳои бехатар интиқол дода шуда, хушбахтона, талафоти ҷонӣ сабт нашудааст. Феълан дар ин масир бо техникаю механизмҳои идораи беҳдошти замин ва обёрии минтақаи Кӯлоб, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании соҳили рахнашуда, ки тақрибан 450 метрро ташкил медиҳад, пурра мустаҳкам гардида, корҳои соҳилбандӣ дар ин масир идома доранд.

Инчунин, барои бартараф кардани офати табиӣ аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиа 3000 литр сӯзишворӣ дастрас гардид.

Гуфта шуд, ки феълан комиссия ташкил гардида, ҳаҷми хисорот муайян карда мешавад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Бозгашт ба мавзуъ

# ДАР ГАРАВХОНАҲО ҚОНУН ЧАРО САРФИ НАЗАР МЕШАВАД?

**Тибқи иттилои Вазорати молия, соли гузашта ниҳоди мазкур ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ барои амалӣ намудани фаъолияти гаравхона (ломбард) ҳашт иҷозатнома додааст.**

Эътироф бояд кард, ки дар фаъолияти баъзе аз гаравхонаҳои кишвар камбудиҳо мавҷуданд, ки ба баланд будани фоизи қарз, ғайрикасбӣ муайян намудани иёри металлҳои қиматбаҳо, вазн ва арзиши маснуоти заргарӣ рабт дорад. Қисми зиёди шаҳрвандон аз муқаррароти қонунгузорӣ доир ба ин масъала огоҳ нестанду масъулини ломбардҳо талаботи мазкурро сарфи назар мекунанд. Аксарият, ҳатто онҳое, ки аз хизматрасонии гаравхонаҳо истифода намудаанд, намедонанд, ки муносибат бо ломбардҳо ҳатман бояд дар асоси шартномаи қарз - шартномаи байни гаравхона ва молгузор ба муҳлати муайян бо додани чипта (билет)-и гарав роҳандозӣ шавад.

Табиист, ки барои пешгирии нақзи ҳуқуқи онҳое, ки ба гаравхона барои гирифтани қарз бо гузоштани амволи манқул, махсусан ашёи аз тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо сохташуда, муроҷиат менамоянд, талабот барои гирифтани иҷозатнома саҳми бориз дорад. То кадом андоза талабот барои комёб шудан дар ин самт ҷиддӣ аст? Бо ин савол ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ муроҷиат кардем.

Тавре номбурда шарҳ дод, гаравхона моҳиятан шахси ҳуқуқӣ - ташкилоти махсусгардонидашудаест, ки ба додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон, инчунин, нигаҳдошти молу мулки манқул машғул аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)», ки соли 2013 аз ҷониби мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат қабул ва ҷонибдорӣ шудааст, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба фаъолияти гаравхона оид ба додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон, инчунин, нигаҳдошти молу мулки манқули шаҳрвандонро танзим менамояд.

Тибқи иттилои муовини якуми вазир, ҳоло дар кишвар беш аз 40 гаравхона фаъол буда, ҳар яки он то 15 филиал дорад. Таъкид гардид, ки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ба таъмини шаффофият ва боэътимод роҳандозӣ шудани фаъолият нигаронида шудааст. Хоса, на камтар аз се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян шудани сармояи оинномавии гаравхонаҳо ва мунтазам ташаккул додани ин нишондиҳанда муҳиму саривақтӣ мебошад.



Омили дигаре, ки бино ба гуфти Юсуф Маҷидӣ зимни баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси довталабони иҷозатнома мебошад. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани бинои зарурӣро барои пешбурди фаъолият тасдиқ мекунад, идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад.

Мутаассифона, бо вуҷуди соҳибқонун будани соҳа бардошти мардум аз фаъолияти гаравхонаҳо мусбат набуда, аксарият аз раванди баргардонидани молу мулки багаравмонда нигаронанд. Чунки ҳангоми баргардонидани гарав қарзгиранда бояд на танҳо маблағи қаблан гирифташуда, балки фоизи муайянро ҳам пардохт намояд. Шарту меъёри пардохт дар гаравхонаҳо низ гуногун мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)», молу мулки багаравмонда ё барои нигаҳдошт супурдашуда бояд бо мувофиқаи тарафҳо аз рӯи нархҳои дар савдо истифодашаванда нархгузорӣ шавад. Илова бар ин, гаравхона уҳдадор аст, молу мулки ба гарав ва барои нигаҳдошт гирифтаашро ба манфиати молгузор, аз ҳисоби худ бо арзиши пуррааш аз рӯи нархҳои чунин молу мулк ва чунин сифати дар савдо истифодашаванда суғурта намояд. Инчунин, масъулини гаравхона ҳуқуқи аз ҳисоби молгузор маҷбуран суғурта кардани молу мулки багаравмонда ё барои нигаҳдошт супурдашударо надоранд. Аммо дар воқеият далелҳое мавҷуданд, ки аз ҷониби масъулини баъзе аз ломбардҳо хилофи талаботи мавҷуда фурӯхтани молу мулки багаравмонда низ ба амал меояд.

Аз ин бармеояд, ки бисёриҳо аз муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ин ҷанба огоҳ нестанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» муқаррар кардааст, ки «Гаравхона ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулки багаравмонда ва барои нигаҳдошт супурдашударо, ба истисноии ҳолатҳои дар моддаи 12 қонуни мазкур пешбинигардида, надорад».

Муҳимтар аз ҳама, агар молгузор молу мулки ба нигаҳдошт супурдашударо дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи нигаҳдошт дархост накарда бошад, гаравхона вазифадор аст, онро дар давоми муҳлати имтиёзноки семоҳа ҳифз кунад. Ҷоиз ба зикр аст, ки гаравхона дар мавриди ба фурӯш рафтани молу мулки дархостнашуда аз маблағи фурӯши он бадастомада метавонад хароҷоти нигаҳдошт ва дигар пардохтҳои марбут ба гаравхонаро ҷуброн намояд ва уҳдадор аст маблағи боқимондаро ба гаравмон баргардонад.

Ҳадафи бозгашт ба мавзуъ огоҳ намудани шаҳрвандон аз қонунгузории соҳа ва тадбирандешиҳои мақоми ваколатдори давлатӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳояшон мебошад, зеро вобаста ба баҳогузории молу мулки ба гарав гузошташаванда, шарту шароити қарздиҳӣ, фурӯхтани молу мулки багаравмонда камбудию суиистифода зиёд буда, ҳамоҳангии мақоми ваколатдори давлатӣ ва шаҳрвандонро тақозо дорад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Қонун ва иҷрои он

# ИҚДОМҲОИ ШАҲРДОРИ ДУШАНБЕ ШОИСТАИ ТАҲСИНУ ҚОБИЛИ ДАСТГИРИАНД




**Тоҷикистон дорои кӯҳу теппаҳои сарсабзу хуррам, кӯлу дарёҳои сероб, бешаю ҷангалҳои анбуҳ, боигариҳои зиёди дигар мебошад ва меҳру муҳаббат нисбат ба табиати зебою афсункори диёр дар қалби ҳар инсон аз замони хурдсолӣ пайдо мешавад. Агар ранҷу заҳматҳои солҳо зоеънамудаамон дар ниҳоди ҷигаргӯшаҳоямон дар роҳи таълиму тарбия оид ба ҳифзи табиат ноаён, ба самти мусбат вусъат бигирад, дар он сурат он меҳр ба донишу маърифати бузурги экологии кӯдакону наврасон табдил хоҳад гашт.**

Хушбахтона, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо ба ҳифзи ҳамаҷонибаи муҳити зист ва сарватҳои он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Чунончи, дар ин робита Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №116 «Дар бораи Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ба тасвиб расид. Мардуми ҷумҳурӣ ва махсусан сокинони қавиродаи пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе муҳтавои ин қарори муҳимро сармашқи кор намуда, тӯли ин солҳо дар ин самт ба як қатор дастовардҳо муваффақ гардиданд.

Инчунин, боиси хушнудию сарфарозии сокинони пойтахт буд, ки дар заминаи ин иқдоми неку созанда 27-уми феврали соли 2024 Қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ «Дар бораи «Соли маърифати экологӣ» эълон намудани соли 2024 дар шаҳри Душанбе» қабул гардид. Ҳадаф аз қабули ин қарор боз ҳам баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, ҳифзи арзишҳои гуногуни экологӣ ва таъмини амнияти экологӣ мебошад. Ҳамзамон, дар қарор чунин оварда шудааст: «Бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 900 рӯзи ободонӣ амалӣ карда шавад».

Албатта, бо иқдому ташаббусҳои созандаю бунёдкоронаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз соли 2017 инҷониб дар пойтахт сабзазору гулзоркунии кӯчаю хиёбонҳо, шинонидани ниҳолу дарахтони гуногун, бунёди гулгашту боғҳо дар сатҳи хеле баланд ҷараён гирифта, ҳамасола дар ҳудуди пойтахт садҳо ҳазор бех гулу буттаҳо, дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ва ороишӣ шинонида мешавад.

Мехоҳам, ин ҷо аз ташаббуси дигари беназир ёдовар шавам. 23-юми сентябри соли 2020 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати шашум таваҷҷуҳи масъулини бахшҳои дахлдори шаҳрдориро ба вусъати корҳои ободонӣ, аз ҷумла тоза намудани кӯчаю хиёбон ва гулгаштҳо, ҷалб намуданд. Вобаста ба корҳои ободонию ниҳолшинонӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар иҷлосияи мазкур аз тамоми сокинони пойтахт даъват карданд, ки ҷиҳати ба «Шаҳри сабз» табдил додани Душанбе бояд ҳар як оила дар мавсими ниҳолшинонӣ лоақал барои шинонидани як дарахти ҳамешасабз ҳиссагузор бошад. Раиси шаҳр аз ҷумла, таъкид намуданд: «Аз тамоми сокинони шаҳри Душанбе даъват ба амал меорам, ки якдилонаю фаъолона дар тадбирҳои ба «Шаҳри сабз» табдил додани пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе саҳм гузошта, дар мавсими сабзу хуррамгардонӣ ва шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ дар назди манзили зист, хиёбонҳо ва канори роҳравҳои пойтахт гулҳои садбарги гуногунранг шинонида, парвариш намоянд. Ҳамзамон, ҳамчун нишони ҳамраъйӣ ҳар як оилаи сокини пойтахт дар мавсими ниҳолшинонӣ дар назди манзили зисташ ақаллан, як дарахти ҳамешасабз шинонида, онро хеле хуб нигоҳубин намояд. Бо комилан амалӣ намудани ин иқдом, мо на танҳо шаҳри худро гулрезу гулпӯш мегардонем, балки дар рушди маърифати экологии мардум, зебоипарастии аҳли ҷомеа ва дар ободию шукуфоии сарзамини аҷдодии худ саҳм мегузорему ба насли ҷавону наврасии пойтахт ва дар умум мамлакат, дӯст доштани табиати шаҳру деҳот, маҳали зист ва сарзамини худро меомӯзонем...».

Ин даъвати шаҳрдори ҷавону матинирода ҳамчун пешниҳоди ҷолиб он замон дар такомули маърифати экологии аҳолӣ, ҳифзи арзишҳо ва таъмини амнияти экологӣ миёни тамоми қишрҳои ҷомеа ҳамовозии хеле гарму самимӣ ба миён овард. Маҳз дар партави муроҷиатномаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои ба шаҳри сабзу хуррам табдил додани пойтахт бо иштироки роҳбарон ва коргарони муассисаҳои пойтахт пайваста ҳашарҳои ниҳолшинонӣ баргузор гардиданд.

Чунин ташаббусҳои наҷибона, барҳақ, аз дастуру ҳидоятҳои Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма гирифта, баҳри баланд бардоштани маърифати экологии мардум ва таъмини амнияти экологии аҳолӣ иқдомҳои неку самарабахши зиёд амалӣ мегарданд.

Ҳадаф аз эълон шудани «Соли маърифати экологӣ» тарбия ва ташвиқу тарғиби маърифати экологӣ ба хотири муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист, шинонидани гулу буттаҳои гуногун, дарахтони сояафкан ва мевадору ҳамешасабз, бунёд намудани растаю гулгашт ва боғҳои нави фароғатию истироҳатӣ мебошад. То ҷое иттилоъ пайдо намудем, аллакай дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон аз фанни «Экология» ба толибилмон сабақ меомӯзонанд, то дар зеҳну ниҳоди наврасону ҷавонон асосҳои маърифати экологӣ, рафтору муносибати некбинона нисбат ба табиатро ҷойгузин намоянд. Дар натиҷа, толибилмон дар дарсҳо фаҳмишу дониши мукаммал пайдо карда, қабл аз ҳама, ҳисси масъулиятшиносии онҳо дар ҳифзи муҳити зист боз ҳам афзунтар мегардад.

Ба мақсад хеле мувофиқ буд, ки охири моҳи марти соли равон бо ташаббуси роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати экологӣ» дар шаҳри Душанбе, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо», 22 март «Рӯзи ҷаҳонии об» ва инчунин, бо ҷонибдорӣ аз дигар иқдомҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба обу иқлим ва маърифати экологӣ дар толори меҳмонхонаи «Ҳайят Реҷенси» Конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрҳо дар татбиқи ташаббусҳои сабз: таҷрибаи Душанбе» баргузор гардид.

Халқи тоҷик дар таърихи чандинасраи хеш марказу шаҳрҳои ниҳоят азиме бунёд намуд, ки сабку услуб ва санъати меъмории онҳо дар асл хусусияти миллӣ доштанд ва як қисми онҳо то ба ҳанӯз побарҷоанд. Аз дигар лиҳоз, Душанбе имрӯз меросдори ҳамаи он буда, дар пойтахт теъдоди биною иншооти ба тарзи миллӣ ва умумибашарӣ орододашуда торафт зиёд мегардад.

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки дар пойтахт аллакай аксари ширкату корхонаҳои мусофирбар ба истифодаи нақлиёти баркӣ гузашта озмунҳои моҳияти экологидошта дар вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо хеле афзун гаштаанд. Инчунин, дар лоиҳаҳои навсозӣ ва ободонии минбаъдаи кӯчаю хиёбонҳо ва маҳаллаҳои пойтахт низ масоили экологӣ ба эътибор гирифта шуда, гулзору сабзазор, хурраму обод намудани он маҳал дар мадди аввал аст.

Қобили дастгирист, ки дар аксари давлатҳои пешрафта аҳолӣ барои ҳифзи табиат худро яксон муваззаф медонанд. Онҳо ба хубӣ медонанд, ки сол то сол дар сайёраи Замин аҳолӣ зиёд шуда истодааст ва акнун табиатро оқилона истифода бурдан лозим аст.

Аз ин рӯ, ин масоили муҳимро Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои хеш таъкид карда, чунин изҳор намуда буданд: «Зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар намудану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир намоем».

Шоистаи таҳсин аст, ки мардуми тоҷик дар пойтахт ва тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ миллионҳо бех ниҳол ва гулу буттаҳо шинонида, сарсабзию зебоӣ ва хуррамгардонии мамлакатро таъмин менамоянд. Барои ташаккули одоб ва маърифати экологии аҳолӣ лозим аст, ки тамоми роҳу усулҳои муҳими тарбиявиро ҷустуҷӯ карда, онҳоро дар зиндагии ҳамарӯзаамон роҳандозӣ намоем.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

«Энергияи сабз»

# БАРҚИ ОФТОБӢ

## Дар истифода аз ин неруи ояндадор набояд таъхир кард

**Чанде пеш Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Иҷлосияи ҳабдаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати шашум, ба муовинони соҳавӣ ва масъулин дастур доданд, ки баҳри истифодаи самараноки неруи барқ минбаъд равшаннамоии атрофи мактабу боғчаҳо, муассисаҳои тандурустӣ, биноҳои баландошёна ва корхонаву ташкилот тавассути таҷҳизоти офтобӣ ба роҳ монда шавад.**

Дар пайи ин иқдом Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фармоиш ба тасвиб расонд ва муқаррар намуд, ки аз 1-уми апрели соли равон ҳангоми лоиҳакашӣ ва ба истифода додани сохтмон (бино)-ҳо, иншооти сохташаванда ва таҷдидшаванда, сарфи назар аз шакли моликият ва манбаи сармоягузориашон, дар баробари таъмини шабакаҳои анъанавии мутамаркази барқ, инчунин, насб кардани таҷҳизоти таъмини энергияи офтобӣ бо назардошти захираи неруи барқ ҳадди ақал барои як рӯз ҳатмӣ аст. Ба рӯихати чунин иншоот муассисаҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, сайёҳӣ, сохтмонҳои маъмурию ҷамъиятӣ ва иншооти варзиш дохиланд.

Ёдовар мешавем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқи аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобию бодӣ тадбир андешида шавад.

Ҳоло дар мамлакат бузургтарин стансияи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб фаъолият мекунад, ки иқтидораш 200 киловатт-соат мебошад. Он дар баландии 3600 метр аз сатҳи баҳр бунёд гардидааст. Барои ин ноҳияи сарду баландкӯҳ бунёди неругоҳҳои гибридӣ самараи бештар медиҳад. Яъне, рӯзона таҷҳизоти офтобӣ неруи барқ тавлид карда, дар як вақт об дар обанбор захира мешавад. Вақте торикӣ фаро расад, неругоҳи обӣ тавассути оби дар обанбор захирашуда неруи барқ истеҳсол мекунад. Бо ҳамин роҳ метавон неругоҳҳои гибридию шамолӣ низ сохт.

Ду сол қабл дар доираи лоиҳаи «Пешгирии ифлосшавии об ва ҳаво ба воситаи истифодаи энергияи барқароршаванда» дар манзили чанде аз сокинони ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон обгармкунак ва панелҳои офтобӣ насб гардид. Яке аз онҳо роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Дармонбахш» ва сарвари Кумитаи энергетикии занони ноҳия Қутбия Ҷоншоева мебошад. Зимни суҳбат ӯ изҳор намуд, ки обгармкунак ва панелҳои офтобӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид буда, ба пешрафти корҳо кумак расониданд. Дар ташкилот курсҳои ройгони пазандагӣ, дӯзандагӣ ва омӯзиши технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия амал мекунанд. Истифода аз таҷҳизоти офтобӣ маҳдудият дар дастрасӣ ба неруи барқро аз байн бурд.

То насби таҷҳизоти офтобӣ Қутбия Ҷоншоева моҳе 300-500 сомонӣ ҳаққи истифодаи неруи барқ месупурд. Ба шарофати таҷҳизоти офтобӣ ин масраф бамаротиб кам гардид.

Бояд гуфт, ки соли 2023 иқтидори «неруи сабз» дар ҷаҳон 50 дарсад нисбат ба соли 2022 зиёд шудааст. Ин баландтарин суръати рушд дар 20 соли охир мебошад. Дар назар аст, ки тайи 5 соли оянда дар сайёра иқтидори манбаъҳои нави барқароршавандаи энергия ба 3700 гигаватт расонда шавад. Яъне, соли 2028 манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) 42 дарсади неруи барқи ҷаҳонро истеҳсол хоҳанд кард. Қариб 95 дарсади рушди МБЭ маҳз ба неругоҳҳои офтобию шамолӣ рост хоҳанд омад.

Соли 2023 нархи таҷҳизоти офтобӣ дар муқоиса бо соли 2021 қариб 50 дарсад арзон шуда, истеҳсоли он 3 маротиба афзуд.

Мувофиқи ҳисоби коршиносон, арзиши неруи барқи таҷҳизоти офтобӣ дар муқоиса бо неругоҳи ҳароратии бо ангиштсанг фаъолияткунанда 50 дарсад арзонтар аст.

Аз рӯи маълумоти Эътилофи байналмилалии офтобӣ (ISA) , ки 120 кишварро муттаҳид месозад, соли равон барои бунёди неругоҳҳои офтобӣ 380 миллиард доллар маблағгузорӣ мешавад, ки ин нисбат ба соли сипаришуда 23 дарсад зиёд аст. Қисми зиёди маблағгузорӣ ба Чин, Ҳиндустон, Иттиҳоди Аврупо ва ИМА рост меояд. Солҳои охир шумораи неругоҳҳои офтобӣ дар Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Ветнам ва Австралия низ босуръат афзуд.

Соли 2023 бори аввал сармоягузорӣ ба истифодаи энергияи офтоб дар муқоиса бо сармоягузорӣ ба соҳаи истихроҷи нефт дар ҷаҳон зиёд шуд. Бинобар ба миён омадани мушкилоти глобалии тағйирёбии иқлим солҳои оянда низ сармоягузорӣ ба истифодаи энергияи офтоб дар ҷаҳон меафзояд.

Ба иттилои Агентии байналмилалии энергия солҳои оянда дар ҷаҳон шояд низоми дигари энергетикӣ роҳандозӣ шавад.

Даҳ сол пеш маблағгузории солона ба МБЭ ҳамагӣ 127 миллиард долларро ташкил медод. Дар 10 сол ин рақам беш аз 10 маротиба афзуд.

Соли равон барои «технологияи сабз» дар дунё 1,7 триллион доллар ва барои истихроҷи сӯзишворӣ 1 триллион доллар сарф мешавад. Ин барои башарият баҳри боздоштани раванди босуръат гармшавии сайёра мусоидат хоҳад кард.

Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, неругоҳҳои офтобӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ сохта мешаванд. Яъне, аҳолӣ ва муассисаҳои тандурустию хизматрасонӣ, маориф ва ғайра дар муддати кӯтоҳ бо неруи «барқи сабз» таъмин мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 17-уми июни соли 2008 зимни мулоқот бо энергетикҳои кишвар дар бораи зарурати истифодаи энергияи офтоб чунин таъкид намудаанд: «Ба ҳама маълум аст, ки Тоҷикистон кишвари офтобист, нурафшонии умумии офтоб ба ҳисоби миёна дар як метри мураббаъ дар минтақаҳои марказии кишвар ба 1600 киловатт/соат баробар мебошад. Вале мо ҳанӯз аз ин неъмати Худодод, яъне манбаи ғайримуқаррарии энергия ва захираҳои барқароршаванда истифода намебарем…



Таъкид менамоям, ки ҷиҳати фаъолияти пурсамари тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон бо неруи барқу гармӣ Вазорати энергетика ва саноат, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд якҷоя бо дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар оид ба истифодаи васеи манбаъҳои истеҳсоли энергия, аз қабили офтоб, шамол, дарёҳои хурд ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия тадбирҳои мушаххас андешанд».

Соли 2010 дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул гардид.

Ҳамчунин, аз соли 2007 то соли 2015 дар ҷумҳурӣ барномаи махсуси рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия амалӣ гардид, ки мувофиқи он дар ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Мурғоб, Рӯшон, Ишкошим, Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа, Кӯҳистони Мастчоҳ ва дараи Яғноби ноҳияи Айнӣ 1825 панели офтобӣ ва 6 таҷҳизоти шамолии тавлидкунандаи барқ насб шуд.

Бо мақсади рушди «иқтисоди сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам намудани ихроҷи газҳои парникӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармояю технологияҳои каммасраф бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022 таҳти №482 Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023- 2037 ба тасвиб расид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки бо амалисозии тадбирҳои зарурӣ соли 2032 истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 дарсад бо «энергияи сабз» таъмин гардида, дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои парникии (гулхонаӣ) то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024» Вазорати энергетика ва захираҳои оби мамлакат вазифадор гардидааст, ки оид ба татбиқи лоиҳаҳои марбут ба бунёди неругоҳҳои барқи офтобӣ ва шамолӣ, ҷиҳати то соли 2026 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз» дар ҷумҳурӣ тадбир андешанд.

Аз рӯи маълумоти Агентии байналмилалӣ оид ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия (IRENA), то соли 2030 шумораи кормандони дар сохтори истеҳсоли «энергияи сабз» машғулбуда ба 24 миллион нафар хоҳад расид. Ин рақам соли 2013 ҳамагӣ 6,5 миллион нафарро ташкил медод. Вобаста ба ин, моро зарур меояд, ки дар донишгоҳҳои техникӣ, технологӣ, аграрӣ ва литсейҳои касбӣ-техникӣ омода намудани муҳандисони соҳаи барқи алтернативӣ, мутахассисони васлу насб ва таъмири таҷҳизоти офтобию шамолиро ба роҳ мондем.

Ҳамин тариқ, дастури Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар бораи истифодаи васеи таҷҳизоти офтобӣ саривақтӣ буда, ба рушди «иқтисоди сабз» дар мамлакат мусоидат мекунанд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# 100 НАФАР БО КОР ТАЪМИН МЕШАВАНД

**Дар деҳоти Тугараки ноҳияи Восеъ корхонаи истеҳсоли хишти пухта ба фаъолият шурӯъ намуда, дар он 100 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин мегарданд.**

Тавре муовини раиси ноҳия Сабур Султонзода иттилоъ дод, дар семоҳаи аввали соли 2024 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 24 миллиону 984 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 4,5 миллион сомонӣ зиёд буда, 121 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Ба иттилои номбурда, айни замон дар ноҳия 42 коргоҳу корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки қисми зиёдашон мавсимӣ мебошанд.

С. Султонзода гуфт, ки бо мақсади рушди соҳаи саноат ва таъсис додани ҷойҳои нави кор аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Барои мисол, аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ду коргоҳи саноатӣ – истеҳсоли хишти сементӣ ва мебел ба истифода дода шуд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Донишмандони зеҳнпарвари башарият

# МУҲАММАД МУСО АЛ-ХОРАЗМӢ

**Шояд аз миёни хонандагони рӯзнома кам касоне огоҳанд, ки Хоразмӣ дар ҷаҳон чун асосгузори фанни алгебра машҳур аст ва истилоი «алгебра» маҳз аз номи ӯ гирифта шудааст.**

Воқеан, зимни ҷустуҷӯ ва омӯзиши фаъолияти илмии ӯ «Википедия» ба мо дар ин хусус чунин маълумоти ҷолиб пешниҳод намуд: «Дар асараш «Алҷабр ва-л-муқобала» ҳалли муодилаҳои квадратиро тадқиқ карда, ба илми алгебра асос гузоштааст. Маънои «алҷабр» дар риёзиёт барқарор кардан аст, вале китоб баъд аз тарҷума ба забони лотинӣ ва дигар забонҳои Ғарб бо номи «Либер Алгоризм» (Китоби Хоразмӣ) машҳур шуд ва минбаъд номи «Хоразмӣ» (лотиниаш «Алгоризм») дар Ғарб ба алгебра табдил ёфт». Ба таъкиди «Энсиклопедияи советии тоҷик» алгебра баъд аз давраи Хоразмӣ чун соҳаи мустақили математика шакл гирифтааст.

Муҳаммад Мусо ал-Хоразмӣ аз донишмандони бузурги Шарқ мебошад, ки дар асри IX зиндагӣ ва кору фаъолият кардааст. Ӯ, бино ба сарчашмаҳои таърихӣ, соли 780 дар Хоразм ба дунё омада, соли 850 аз олам гузаштааст. Хоразмӣ дар давраи фаъолият ба ҳалли бисёр масъалаҳои илмҳои дақиқ талош карда, хоса дар илмҳои ҷуғрофия, нуҷум, риёзӣ бозёфти муҳим намудааст. Муҳим он аст, ки ин бозёфтҳо то ба имрӯз арзиши илмии худро гум накардаанд. Афкори илмии Хоразмӣ на танҳо ба назарияҳои илмии донишмандони баъдинаи Шарқ, ба мисли Абурайҳони Берунӣ, Насриддини Тусӣ, Умари Хайём… таъсири муфид расонд, балки такони бузурге ба илми Ғарб низ бахшид. Афкори фалсафию илмии Батлимус, Арасту, Птоломей ва дигар донишмандони то замонаш ба ҷаҳонбинӣ ва афкори илмии Хоразмӣ таъсир гузоштааст,

Чанд сол пеш дар Россия китобе зери унвони «100 олими бузург» нашр шуд, ки дар он муаллифон Валентина Скляренко, Владислав Карнатсевич ва Александр Фомин исми Муҳаммад Мусо ал-Хоразмиро низ ворид намуданд. Онҳо китобро ба таърихи илмҳои дақиқ бахшида, дар пешгуфтори китоб чунин ишора кардаанд: «Шояд бисёриҳо дар ҳайрат монанд, ки чаро мо ин ё он олимро ба рӯйхати 100 олими бузург ворид накардем. Табиист, ки шумораи олимони забардасти соҳа дар ҷаҳон аз 100 нафар зиёд мебошад. Мо низ дар интихоб ба душворӣ мувоҷеҳ гаштем, аммо ҳини интихоб, пеш аз ҳама, ба олимоне афзалият дода шуд, ки муҳимтарин самтҳои илмро дар ҷаҳон асос гузоштаанд, дар ҷаҳонбинии инсоният дигаргуниҳои куллӣ ба амал оварда, мушкилоти илми ҷаҳониро ҳал кардаанд». Ин далели возеҳи дигарест, ки ҷойгоҳ ва мақоми Хоразмиро дар олами илм муайян менамояд.

Ба гуфти донишмандон, яке аз хидматҳои бузурги Хоразмӣ дар илми риёзӣ он аст, ки ҳисоби масъалаҳоро бо ворид намудани аломатҳои математикӣ осон намуд.То он замон ҳалли масъалаҳои риёзӣ тариқи калимаҳо сурат мегирифтааст. Адади сифр (0)-ро низ ӯ комил мекунад, Зимнан, муаллифони китоби «100 олими бузург» дар ин бора маълумот додаанд.

Пажӯҳишгарон 7 асари дастнависи Хоразмиро муайян намудаанд, ки аз ҳар кадом навгонии илмӣ метавон дарёфт. Дар асараш «Китоб-ул -ҷамъ в-ат-тафриқ би ҳисоби-л-ҳинд» аввалин бор рақамҳои ҳиндиро дар низоми донишмандони Ғарб дар асри XII ба забони лотинӣ тарҷума намуда, ба бозёфти нобиға ошноӣ пайдо мекунанд, ки ин омил ба рушди илми Ғарб бетаъсир намемонад. Китоб дар шакли асли худ то замони мо нарасидааст. Танҳо тарҷумаи он боқӣ монда, ки ҳоло дар шаҳри Кембриджи Британияи Кабир нигоҳдорӣ мешавад.

«Сурат-ул-арз»-ро аввалин асари Хоразмӣ арзёбӣ мекунанд. Он асари ҷуғрофӣ мебошад, ки роҷеъ ба ҷойгиршавии дарёҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳо, баҳру ҷазираҳо маълумоти илман дақиқ медиҳад. Ӯ дар ин китоб, ҳамчунин, маълумоти ҷуғрофии Птолемейро дар бораи Африқо ва Шарқи наздик тасниф ва ислоҳ кардааст. Чизе, ки донишмандонро то ба ҳол ба ҳайрат меорад, он аст, ки ӯ аз хати истиво (экватор - хате, ки аз маркази Замин гузашта, онро ба нимкураҳои шимолию ҷанубӣ ҷудо мекунад) огоҳӣ дошт. Шояд ба ҳамин хотир баъзе донишмандон онро аввалин асари географӣ дар таърихи илм меноманд. Вай, инчунин, дар сохтани харитаи ҷаҳон барои халифа Ал-Маъмун (Ал-Маъмун писари Ҳорун ар-Рашид, ҳафтумин халифаи Аббосиён буд, ки ба илми фалсафа ва хусусан, ба астрономия таваҷҷуҳ дошт) кумак кард ва дар лоиҳаи муайян кардани атрофи Замин ширкат варзида, кори 70 географро барои сохтани харитаи он замон «олами машҳур» назорат мекард.



Маълум мешавад, ки Хоразмӣ дар илми ситорашиносӣ низ таҳқиқот бурда, натиҷаҳои назарраси илмӣ ба даст овардааст. Замоне ки дар расадхонаҳои астрономӣ дастгоҳҳои зарурӣ барои муайян кардани моҳу ситораҳо ва офтоб комил набуд, Хоразмӣ дар илми нуҷум низ ба бозёфти нодир дастёб шуд. Аз ӯ ба ҳайси аввалин кашшофи ҷадвали нуҷумӣ ва мусалласот низ ёд мешавад. Аз рӯи тақвими сохтаи ӯ ҳисоби сол, моҳ ва иқлим пешбинӣ мешуд, ки мардум бо назардошти он хоҷагидорӣ менамуданд.

Ӯ асарҳои дигаре, ба мисли «Рисолаи таърих» ва «Рисолаи мусиқӣ» ҳам доштааст, ки мутаассифона, то замони мо нарасидаанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Бузургтарин эҷодкори таърих инсон аст. Маҳз ӯ созандаи дунёи мутамаддин мебошад. **Агар масъаларо ба тарзи умда баррасӣ кунем, ҳатто худи инсон тасаввуротро дар бораи қувваҳои фавқуттабиат ба вуҷуд оварда, онро ҷону рӯҳу тан бахшидааст.**

Худи одамӣ аз номи ин қувваҳо инсонро бо ҳар тариқе, бо ҳар ривояте, бо ҳар афсонае «тавлид» карда ва то ҳозир худ пойбанди онҳо мебошад.

Ин қабил одамон омодаанд ҳамарӯза маънавиёт, молу ҷон ва ҳастии худро нисор кунанд. Манзалати таърихиву муосир, дастовардҳо, манфиатҳои миллӣ, баъзан, ҳастии миллатро зери суол баранд.



# ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ

**Одамизод, бешубҳа, ҷузъи табиат, бузургтарин офаридаи он аст. Майнаи инсон олитарин шакли материяи ҳастӣ, натиҷаи эволютсияи табиат, ҷамъият ва тафаккур маҳсули тавлиди миллионсолаҳост.**

Ҷараёни аз одам сохтани инсони созанда, ҳаракати абадӣ ва беохири ҷомеаи башарӣ ба сӯйи зиндагии шоиста буд, ҳаст, мемонад. **Дар ин раванд оила, муҳити маънавӣ, мактабу маориф, бо як ибора - муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим, созанда, асосӣ, муайянкунандагӣ, ҳалкунанда ва қонунмандӣ доранд.**

Вақте сухан дар бораи коргоҳи офариниши инсон меравад, бидуни шак, фақат шахсиятҳои донишманд, масъул ва соҳибирода сабабгори сохтани одамони асил мегарданд.

Тасаввурот дар бораи маълумоти олӣ ҳам аз лиҳози меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам бархӯрду интизориҳои анъанавӣ – ноил гаштан ба дараҷаи баланди илму маърифати замонавӣ дар соҳаи муайян мебошад. Яъне, инсон бо аз худ кардани илму таҷриба дар самти интихобнамуда, аз пешоҳангони касби худ эътироф мешавад.

**Донишгоҳҳо ҳам фақат замоне дар ҷомеа соҳибэътибор ва муассир мегарданд, шуҳрат пайдо мекунанд, агар онҳо дар ҷараёни мураккаби таълим устодон – олимони фаъолияташон бо амалия пайваста дошта бошанд. Бо шумули чунин шахсиятҳо муассисаи илмӣ-таълимӣ як ҷузъи ояндасоз, муҳим ва пурсамари мамлакат мегардад.**

Донишгоҳи Кӯлоби солҳои ҳафтодуми асри XX бо чунин устодон маъруф буд. Яке аз шахсиятҳои муътабари замон муаллим Қаюм Сангов ба шумор мерафт. Ӯ аз фанни методикаи таълими забони модарӣ дарс мегуфт.

Дар дарсҳо Қаюм Сангов хотиррасон мекард, ки донишҳои инсонӣ хосияти системавӣ – занҷирӣ доранд. Одам наметавонад ҳамадон бошад. Аммо **«Касе, ки фақат химияро медонад, ӯ химияро ҳам намедонад»**. Барои ҳамин таъкид менамуд, ки мутахассис мебояд илмҳои мансуб ба хешигарии марбут ба касбияташро дар дараҷаи баланд донад.

Мо дар солҳои таҳсил ба ин андеша бовар ҳосил кардем. Муаллимони мо, ки аз забоншиносӣ, назарияи адабиёт ва аз дигар фанҳо дарс мегуфтанд, на танҳо ихтисоси худ ва фанҳои дар алоқамандӣ қарордошта бо онҳоро ба навъи аҳсан медонистанд, балки аз нозукиҳои этимология, семантика, забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, лексикологияи забонҳои гурӯҳҳои ҳиндуаврупоӣ, таърих, асосҳои фалсафа, психология ва дигар фанҳои гуманитарӣ хуб баҳравар буданд. Барои далелнокии сухан ба ин донишҳо такя мекарданд. Далел ва мисолҳои мувофиқ меоварданд. Шогирдҳоро ба моҳияти масъала муътақид мегардонданд.

Мо ин сифатҳоро дар тарз, усул, муҳтавои дарсдиҳӣ ва шахсияти муаллим Қаюм Сангов хуб эҳсос мекардем.

Азбаски ихтисоси асосии муаллим Сангов луғатшиносӣ ё ки тафсир намудан, дарк кардан ва тарзу усули фаҳмонидани маънӣ, мафҳум ва мантиқи калима, истилоҳ ва ибораҳо буд, ӯ аз методу усулҳои этимологӣ, семантикӣ, полисемӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, типологияи фонетикӣ ва дигарҳо хуб истифода мекард.

Иқтибоси дӯстдоштаи ӯ буд аз олимони энсиклопедист: **«Дар бораи гап, сухан баҳс кардан, албатта, кори хирадмандон нест. Мо бояд ба дарки мафҳум, истилоҳ, категорияҳо ва дефинитсияҳо бирасем. Агар майли баҳс ва муайян кардани ҳақиқат ва воқеиятро дошта бошем».**

Аз натиҷагирии ин тавсия мо донишҷӯён чунин хулоса мебаровардем: **Сухан на дар шакли хабар, иттилоъ, овозаи ғаразнок, балки ҳангоми фаҳмо шудани муҳтавои он, ки фақат дар ин асос вазни ҳарф судманд, далелнокӣ арзишманд, сифати муқоисавӣ бегазанд, қалъаи андеша зӯрманд мешавад ва собит мегардад, манзалати муҳокимавӣ ва тасмимгирӣ касб мекунад. Чунки дар ин сурат, ҳақиқат, сарфи назар ба фоидаи кӣ буданаш, равшан мегардад. То суханғӯ дар анҷуман хор нашавад. Масъул хиҷолатзада намонад.**

Дарсҳои муаллим Қаюм Сангов як навъ раванди муташаккили идорашаванда, ба нияти аз худ кардани донишҳо, малака ва касбият, инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ, тавоноии маънавӣ, коркард ва тақвияти баҳодиҳии афкори донишҷӯ дар самти андешаи мустақилонаи суханшиносӣ буданд.

Ӯ ҷараёни дарсро мақсаднок ва ҷолиб мегузаронд. Шогирд бовар ҳосил мекард, донишҳое, ки устод барои аз худ кардани онҳо заҳмат мекашад, на танҳо барои муаллимони забон ва адабиёт кумак мекунанд, балки мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ, табибон, риёзидонон, умуман мардуми соҳибзабон ба онҳо ниёзманданд. Дар касби онҳо низ муҳим ва судманд, усули хуби аз худ кардани воқеияти ҳастӣ мебошанд.

Устод дар бораи фонди луғавӣ ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ сухан ронда, таъкид мекард, ки соҳибзабон дар байни даҳҳо ҳазор калима бояд моли худро бишиносад. Онро аз дигарон фарқ карда тавонад.

Яке аз дарсҳои хотирмони муаллим Сангов бештар дар ёдам мондааст. Он даҳсолаҳо барои мо ҳамчун одитарин мисоле ба шумор меравад, ки худамон муваффақона истифода мекунем. Бо ифтихор ба шогирдон меомӯзем. Агар лозим ояд, ба дӯстон ва ҳамкасбон ҳам мефаҳмонем.

Гап дар бораи шинохти усулии калимаҳои арабӣ дар таркиб ва фонди луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ меравад. Албатта, дар ин маврид сухан дар бораи кишваркушоӣ ва ба тааҷҷуб андохтани хонанда нест. Шояд дар алоҳидагӣ онро мо ҳам донем. Аммо муаллим Сангов бо як усули ба худ хос мефаҳмонд, ки зиёда аз бист фоизи фонди луғавии забони тоҷикиро калимаҳои арабӣ ташкил мекунанд. Аломатҳои ин калимаҳо зиёданд. Лекин усули маъмулӣ ва хеле осони шинохти онҳо асосан аз шаш унсур иборат мебошад:

1. Калимаҳое, ки аломати сакта - ъ *(ъайн)* доранд, арабиасос ҳастанд: *маълум, таъйин, фаъол, маъсум, ашъор ва ғайра*.

2. Калимаҳое, ки префикси му-; ма-; та-; то- доранд: *муаллим, муомила, муколама, муҳокима*, *мактаб, мансаб, манзил, талаба, толиб* ва монанди инҳо.

3. Суффикси ҷамъбандии -от, -ёт гирифтани калимаҳо: *ҷавоҳирот, атриёт, ҳафриёт, кашфиёт ва ғайра.*

4. Шакли ҷамъбандии арабӣ гирифтани калимаҳо: *ахбор, анвор, аъзо, анвоъ* ва монанди инҳо.

5. Бо роҳи флексияи дохилӣ ва берунӣ тағйир ёфтани шакли калимаҳо: *илм, олим, улум, муаллим, таълим; хабар, ахбор, мухобира, мухбир; китоб, котиб, мукотиба, мактуб ва ғайра.*

6. Тавассути ихтисор кардани префикс, суффикс ва хат задани садонокҳо муайян кардани мансубияти решагии калима: *муҳосира (ҳср)-ҳисор; манзур (нзр) – назар; мансубият (нсб) – насб; мафҳумот (фҳм)-фаҳм ва ғайра.*

Дар замоне ки мо дар Донишгоҳи Кӯлоб таҳсил мекардем, номзади илми иқтисод Хушвахтов Иқбол Давлатович, зодаи ноҳияи Рӯшони Бадахшон ректор буд. Албатта, дар пайравӣ ба ин шахсият, ки садоқатмандона заҳмати раҳбарӣ мекашид, бародарони бадахшонитабор ҳам барои таҳсил ба ин боргоҳи маърифат меомаданд. Аз ҷумлаи онон ман ду донишҷӯро мешинохтам. Баъдан, бо амри тақдир бо Давлатов Пайшанбе вохӯрдам. Бо ҳам эҳсоси рафоқат, дӯстӣ ва бародарӣ пайдо кардем.

Албатта, мавзуи бештари суҳбати мо, пеш аз ҳама, дар атрофи давраи донишҷӯӣ, ёди донишгоҳ ва устодон буд. Боре Пайшанбе суханро дар бораи муаллимони номдори факултет Иззатулло Тамлихоев ва Қаюм Сангов оғоз кард. Дар бораи хотироти ниҳоят қавӣ, донишҳои воқеан, илмии муаллим Тамлихоев ёдовар шуда, Давлатов гуфт:

– Муаллим Тамлихоев устоди нотакрори соҳаи забоншиносии тоҷик буд. Ба дарс бо тайёрии намунавӣ меомад. Ҳеҷ вақт дар даст коғазу дафтар намеовард. Дар чанд гурӯҳе лексия хонад, медонист, ки охирон бор дар кадом дарс, дар кадом ҷумла нуқта гузоштааст. Ва бидуни иштибоҳ, хониши навбатиро бо ёдовари аз ҳамон ҷумла оғоз мекард. Муаллими дақиқкор ва поксиришт, хушсухан ва озодарафтор буд.

Ҳамзамон, – гапашро давом дода гуфт Пайшанбе, – ба ёди ман бисёр хотираҳо аз муаллим Қаюм Сангов мондааст. Аз тамоми дарсҳои эшон лаҳзаеро дарёфт кардан мушкил буд, ки он аз доираи мавзӯъ берун бошад.

Маълум аст, ки ду қабил одамон ниҳоят хушёр, зирак, борикбин ва мушоҳидакоранд. Ва бардошти худро якумр дар хотирашон нигоҳ медоранд: шогирдон ва зердастон.

Барои ҳамин, муаллимон ва умуман нафароне, ки ҳатто ба як кас ҳуқуқи роҳнамоӣ ва роҳбариро доранд, мебояд ин масъулиятро батамом эҳсос кунанд ва риоя намоянд.

Албатта, ин сухани нав нест. Дар эҷодиёти халқ ва адабиёти бадеӣ ҳам дар мавриди зикргардида садҳо, ҳазорҳо мисол ҳаст. Ҳатто зарбулмасали машҳури **«Ба гуфти мулло кун, аммо ба кардааш не»**, аз бозигарӣ ва дурӯягии абадии иҷтимоии ин тоифа шаҳодат медиҳад.

Фаромӯш набояд кард, ҳатто шогирдоне, ки ҳавсалаи аз худ кардани дарсҳои маъмулиро надоранд ва зердастоне, ки дар ҳамин дараҷаи инкишоф ҳастанд, одитарин хато ё афзалияти муаллим ва раҳбари худро мушоҳида мекунанд. Солҳо дар хотир нигоҳ медоранд.

Дар бисёр ҳолат, табиат одамро аз лиҳози ботинӣ мутаносиб ба он шакли зоҳирӣ ва мутобиқ ба он касбият ва дараҷаи маърифат меофарад. Ин хосият ба шахсиятҳои бузург бештар мувофиқ меафтад.

Муаллим Сангов қаду баст ва чеҳраи хотирмон дошт. Қомати миёна, чеҳракушод, чашму абрӯи сиёҳ, нигоҳҳои ҷолиб ва моил ба дарки майли одамӣ ва омодагии дастгирӣ, оромтабиат, дар интихоби калима ва ибороти сухан ниҳоят эҳтиёткор. Дар ҳаракатҳо ҳам аз худ шитобкорӣ нишон намедод.

Ӯ ба тарзи либоспӯшии худ таваҷҷуҳи махсус мекард. Одатан шиму костюми расмии «муаллимӣ» - сиёҳ ё хокистаранг, куртаи сафед, гарданбанди мувофиқ, кафши мувофиқ ба сарулибос мепӯшид.

Дар хиёбон, дар беруни донишгоҳ ӯро фақат дар даст китоб ё рӯзнома дидан мумкин буд. Гӯё ки як зиндагии «аз рӯйи қоида» дошт.

Яке аз ҳамкурсони мо, воқеан, «муҳаққиқ»-и тарҷумаи ҳол ва рӯзгори муаллимон буд. Шӯхиомез баъзеи онҳоро дар гуфтору рафтор тақлид ҳам мекард.

Омӯзгорони алоҳидаро поида, мехост дар бораи рафтору хулқу атвори онон берун аз дарс ҳам маълумот дошта бошад. Ин ҳама, асосан, аз рӯйи муҳаббат ва кунҷковии шогирдона буд.

Муаллимон, устодони бузург ба донишҷӯён мисли муъҷиза менамуданд. Ҳамаи мо мехостем дар бораи саҳифаҳои нооравшани зиндагиномаи ин нобиғагон бисёртар донем.

Як рӯз ҳамсабақи зираки мо ҳангоми суҳбат дар бораи муаллим Сангов хабар овард, ки устод дар хонаи аз падараш мондагӣ, дар лаби сангов умр ба сар мебарад. Он мавзеъ дар қисмати шарқии шаҳр дар масофаи тақрибан чор-панҷ километр аз донишгоҳ дуртар ҷойгир ва хеле хоксорона будааст.

Аҳли оилаи Санговҳо дар ҷойи зист ҳамчун оилаи соҳибмаърифат ва китобдӯст муаррифӣ мегаштаанд. Муаллим Сангов одат доштааст, ки ба ғайр аз шуғли дарсгӯӣ, кори кафедра ва мутолиаи зиёд дар китобхона, ҳар ҳафта як маротиба рӯзҳои ҷумъа ба кинотеатри марказии шаҳри Кӯлоб рафта, як филми навро тамошо кунад.

Ин кор то дараҷае маъмулӣ будааст, ки хазинадори кинотеатр, сарфи назар барои он филм чӣ қадар довталаб бошад ё не, дар қатори чордаҳум курсии бисту панҷумро ба хотири муаллим Сангов нигоҳ медоштааст. Аммо рӯзе намешудааст, ки омӯзгори хушсалиқа ва дақиқкор аз реҷаи ҳафта, ки барои маърифати як шахси зиёӣ зарур аст, дер монад.

Ҳамин тариқ, ҳаёти ин марди хирад, устоди соҳибмактаб як тарзи зиндагии доимии ба меъёр даровардашударо мемонд. Ва албатта, ӯ муътақид буд, ки танҳо тавассути истифодаи дуруст ва мақсадноки вақт, шахс ба зинаи камолот мерасад. Доимо дар даст доштани маводи мутолиа, масири ҳаракат – коргоҳ, китобхона, муассисаи фарҳангӣ як навъ нишонаи ташаккули шахсияти муаллим ва огоҳии рӯзмарраи ӯ аз илму маърифат буд.

Муаллим Сангов ба нутқи хаттӣ ва шифоҳии шогирдон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекард. **Таъкид менамуд, ки яке аз шуғлҳои марказии инсон гуфтан ва шунидан аст. Агар шуур нишонаи ягона ва сифати муайянкунандаи инсон бошад, он, пеш аз ҳама, тавассути нутқ ифода меёбад. Бояд корро тарзе ба роҳ монд, ки сухан на ба тарзи пароканда, бидуни пайдарҳамӣ, балки боандеша ҳамчун маҳсули воқеии тафаккур ва нишонаи аслии маводи олии табиат - майна бошад.** Таъкид месохт, зарур аст, ки **омӯзгор нутқи равон, зебо, фаҳмо, равшан ва таъсирбахш дошта, ҳамин сифатҳоро ба шогирдони худ омӯзад ва аз онҳо ин авлавиятҳоро талаб кунад.**

Ҳамзамон бо донишмандӣ ва сахтгирӣ, муаллим Қаюм Сангов ниҳоят шахси фурӯтан, заҳматқарин, хоксор, некниҳод ва поксиришт буд. Аз худ намунаҳои олии рафторҳои инсонӣ нишон медод.

**Устоди ҳақиқӣ онест, ки шогирдон тавонанд намунае аз маърифат ва маънавиёти поку заминии ӯро барои нафъи Ватан дар зиндагии ҳамарӯза истифода намоянд.** Чунин намунаҳо аз муаллим Сангов ҳазорҳост.

**С. ЯТИМОВ**

***Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», № 93 (24956) аз 20.05.2024***

---

23 май – Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

# ТОҶИКИСТОН БО ҶАВОНОНИ СОЗАНДАЮ ОБОДКОР РУШД МЕКУНАД

**Ҷавонони мо неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш ҳамеша таъкид менамоянд, ки «Ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умеди ояндаи нек мекунад». Воқеан, ояндаи давлату миллат дар дасти ҷавонон буда, онҳо муаррификунандаи давлату кишваранд ва тавассути донишу қобилият ва неруи зеҳнию ҷисмонии худ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, парчамбардори меҳан мешаванд.**

Дар ҷомеаи имрӯза дар кори пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст. Ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, неруи муҳими пешбарандаи иқтисод буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонад ба хубӣ таъмин созад. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёди аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд, Ҳукумати мамлакат ба ин қисми аҳолӣ диққати бештар медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгирии ҷавонон ва таъмини онҳо бо ҷойҳои нави корӣ, дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо донистани забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода, пешниҳодҳои ҷавононро баҳри рушди Ватани азизамон доимо дастгирӣ менамоянд ва бунёди шароити мусоиди кору фаъолиятро барои ҷавонон пайваста таъмин месозанд.

Бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳифаи тозае дар таърихи навин боз шуда, бо қарори Ҳукумати мамлакат Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт ва 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон карда шуд. Таҷлили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон на танҳо шодию хурсандӣ ва тарабу фараҳмандист, балки натиҷагирии кору пайкори ҷавонони кишвар дар ҷодаи бунёдкориҳо, ободонии Ватан, кумаку ҳамдастии гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи насли ҷавон аст. Ба ин маънӣ, кишвари азизи соҳибистиқлоли мо, ки дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор дорад, ба донишу неруи созандаи ҷавонон умед бастааст. Чунки ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми ҳалкунанда гузошта метавонанд. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд ба тамоми ҳастӣ дарк намоянд, ки барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ, тақдири ояндаи миллат, амнияту оромии кишвар ва эҳёи арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгон масъулияти бузурге бар дӯш доранд. Чун ҷавонон идомадиҳандаи суннатҳои таърихию фарҳангии қадимии миллати худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзу ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Талошҳои пайвастаи ҷавонони имрӯзаи мо ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи кишвари азизамон дарак аз он медиҳад, ки онҳо бо ҳисси баланди худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ тамоми неруи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии Ватани азизамон ва боз ҳам устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ сафарбар менамоянд.

Дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон сармашқи асосии кору пайкор ва фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо дар давраи ҷаҳонишавии муносибатҳо буда, афкору андешаҳои тозаи ҷавонони мо нахоҳад гузошт, ки гурӯҳҳои тундраву ифротгаро фазои софи Ватани азизро ғуборолуд созанд. Бо истифода аз ин дастуру супоришҳо ҷавонон баҳри ҳифзи Ватани азизи худ кӯшиш намуда, бар зидди ҳар гуна зуҳуроти бегонапарастӣ мубориза баранд. Ҷавонони созанда бояд аз таърихи давлати соҳибистиқлол ва ниёгони худ, забону фарҳанги миллӣ ифтихор намуда, баҳри дифои онҳо аз ҳар гуна омилҳои зараровар пайваста талош варзанд.

Тавре медонем, мавқеи фаъоли ҷавононро дар рушди Тоҷикистони азиз ба инобат гирифта, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро «Соли ҷавонон» эълон карда буданд. Ҷавонони мо аз ин таваҷҷуҳи Пешвои миллат рӯҳу тавони тоза гирифта, ба Ватан-Модар хизмати содиқона намудан, марзу буми онро ҳимоя кардан ва дар ҳимояи манфиатҳои давлату миллат ҳушёр буданро қарзи фарзандии худ медонанд.

Ҳамин тариқ, ҷавононро мебояд амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳифз карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

---

**Ҷавонон қишри созанда ва пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Бо назардошти ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро «ояндаи миллату давлат» номидаанд. Воқеан, бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардида, имрӯз ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.**



# ҲАЛҚАИ МУСТАҲКАМИ ПАЙВАНДИ НАСЛҲО

Фазои ободу осудаи Ватани азизамон ҷойгоҳи сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун кишвари ҷавонӣ ва ҷавононро аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додааст.

Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ ҳоло аз шумораи умумии аҳолии мамлакат 32,9 дарсади онро ҷавонони аз 14 то 30 - сола ташкил медиҳанд. Дар 17 соли охир шумораи ҷавонон 33 дарсад зиёд гардидааст.

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ ташаккул ёфтани сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имконияти васеи рушду такомул барои ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохторию ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад, зеро яке аз муҳимтарин воситаи таҳкими истиқлолият ва сулҳу осоиштагӣ маҳз ҷавонон ҳастанд. Онҳоро бо неруи созандаю иқтидорманд, қувваю тавон, диду нигоҳи тоза, зиракӣ ва ақидаҳои солими хеш дар рушди ҷомеа ва ободии Ватан саҳми босазо мегузоранд. Ҷавонон ба унвони неруи созанда ва ҳалқаи мустаҳками пайванди наслҳои башар нақши муҳим ва рисолати бузургеро дар ҷомеа бар дӯш доранд. Пешрафти миллат бидуни саҳми ҷавонон тасаввурнопазир буда, шукуфоӣ, зебоӣ ва созандагию беҳбудии зиндагӣ аз ғайрату матонати ҷавонон вобаста аст.

Қишри серҳаракати ҷомеа, қувваи пуриқтидори меҳнатӣ - ҷавонон барои давлат дар татбиқи ҳама гуна вазифаҳои мақсаднок, аз ҷумла идоракунии устувор ҳамчун васила, неру ва захираи тавоно ва афзалиятноки инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба насли ҷавон баръало эҳсос гардида, 13-уми марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид, ки роҳи минбаъдаи ҷавононро дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ боз намуд.

Мулоқоти нахустини расмии Роҳбари давлат - Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-умин рӯзи сарварӣ - 2-юми феврали соли 1993 баргузор гардид.

Боиси ифтихор аст, ки бо баргузории мулоқотҳои мунтазами Пешвои миллат бо ҷавонон дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии ҷавонон як қатор дастовардҳои беназир, иқдомҳои нек ва созанда рӯи кор омад ва дар устуворгардонии ин соҳаи афзалиятноки Ҳукумати кишвар нақши муассир гузоштанд. Аз ҷумла, 23 майи соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» имзо гардида, тибқи он, дар сохтори Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Илова бар ин, қабул гардидани санадҳои муҳими давлатӣ, ба монанди «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон», барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам оварда, мавқеи ҷавононро дар ҷамъият боз ҳам устувор гардониданд.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони лаёқатманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту хештаншинос дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз тамоми имкониятҳо истифода намуда истодааст. Аз ҷумла, дар тақвими санаҳои таърихӣ ворид гардидани 23 май - Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, таъсис ёфтани Ҷоизаи ба номи И. Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илму техника корҳои намоён анҷом додаанд, стипендияҳои президентӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва тадриҷан зиёд намудани маблағи стипендия ва шумораи онҳо, стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» барои донишҷӯёни тоҷике, ки дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, квотаҳои президентӣ, ҷудо намудани грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавонкунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин, сохтмони мактабу донишгоҳҳо ва китобхонаҳои сатҳи байналмилалӣ, толорҳои варзиш, мавзею гулгаштҳои фароғатӣ, майдончаҳои варзиш ва эълон гардидани соли 2017 «Соли ҷавонон» аз тадбирҳои муҳим ва дастовардҳои назаррас дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб меёбанд.

Маҳз ба шарофати сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурусту самаранок ба нақша гирифтани фаъолияти корӣ ва ҷалби васеи қувва ва воситаҳои созандаи кишвар ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои корӣ ва дар ин замина афзун гардидани таваҷҷуҳи ҷомеа ба насли ҷавону ояндасози кишвар оварда расонид.

Дар баробари ин ҳама дастовардҳои беназир, бо мақсади таҳкими заминаҳои меъёрӣ ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Стратегияи давлатии ҷавонон то соли 2030» дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Умуман, ҳамаи ин дастовардҳо дар самти сиёсати давлатии ҷавонон бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва ғамхорию дастгириҳои пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардидааст. Аз ин рӯ, ҷавононро зарур аст, ки бо пайравӣ аз сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таҳкими истиқлолияти давлатӣ, сулҳу суботи сиёсӣ, саҳмгузорӣ дар бунёдкорию созандагии Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол ва афзун гардонидани дастовардҳои ҷавонон ҷаҳду талош ва тамоми имконияти худро сафарбар намоянд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

# РОҲИ ПУРИФТИХОРИ РӮЗНОМАНИГОР

**Зиндагӣ саҳнаи театр аст, дар он ҳар инсоне намоишномаи худро менависад ва нақш бозӣ мекунад. Ин саҳна ва ин нақш ду тазодро таҷассум месозад: хайр ва шарр, муборизаи равшанӣ ва торикӣ. Аз рӯзи азал ин ду неру дар замири инсон ҷой доштааст ва муборизаро дар саҳнаи театри ҳаёт пуршиддат гардонидааст. Аммо Саъдӣ мефармояд, «тани одами шариф аст ба ҷони одамият», яъне ҷони одамият аст, ки ба инсон шарофат меорад, мақоми ӯро камол мебахшад, халоқиятро ба зуҳур мерасонад. Аз ин ҷост, ки инсонҳо ба илму маърифат рӯ меоранд, бунёдкорӣ мекунанд, тамаддунҳоро месозанд. Ҳар инсоне дар мақоми худ амали хайреро анҷом медиҳад, боғе парвариш менамояд, дашти лабташнаеро сероб месозад, хонае барпо мекунад, илмеро аз бар карда, шогирдонро тарбият сохта, одамвор зистанро ба онҳо меомӯзад. Яъне, «ҳар киро аз баҳри коре сохтанд».**

Рӯзноманигор ва адиб Ҳусейни Назрулло умри бобаракати хешро сарфи хидмати халқ кардааст. Ӯ тавассути сухан аз диле бар диле роҳ ёфтаю рисолати инсонии хешро бо фурӯзон нигоҳ доштани чароғи маърифат анҷом медиҳад. Роҳи тайкардаи ин рӯзноманигор ва адиби хушсалиқа пур аз печутоб, вале рангину пурифтихор аст.

Ӯ фаъолияти хешро соли 1976 ҳамчун ходими хурди илмии хона-музейи ба номи М. Раҳимӣ, дар назди шуъбаи мероси адабии Институти илмию тадқиқотии забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оғоз кардааст. Аммо сарнавишт ӯро ба кӯи дигаре мебарад. Ҳусейни ҷавон ба Афғонистон меравад ва дар департаменти нефту гази шимоли Афғонистон (дар шаҳри Мазори Шариф) ба ҳайси тарҷумони забонҳои дарию русӣ ба кор мепардозад. Ҳамин тавр, ӯ чанд сол тақдири худро бо сарнавишти мардуми афғон мепайвандад, бо кору зиндагии онҳо аз наздик ошно мегардад. Баъд аз бозгашт ба Ватан дере нагузашта ӯро дуюмбора аз ҷониби Комитети марказии ВЛКСМ барои кор ба Созмони ҷавонони Афғонистон мефиристанд. Ӯ дар шаҳрҳои Меҳтарломи вилояти Лағмон, Ҷалолободи вилояти Нангарҳор ва шаҳри Кобул адои вазифа менамояд.

Муҳимтарин рисолати ҳар инсони огоҳ он аст, ки аз худ нақши хайре, осоре боқӣ бигзорад. Сафарҳои кории Ҳусейни Назрулло ба Афғонистон боиси пайдо гаштани як силсила асарҳои публитсистӣ-бадеӣ мегардад. Дар кишвари ҳамсоя на танҳо кор мекунад, балки бардоштҳои худро рӯи сафҳа меорад. Маҷмӯаи «Афғонистон: оташ дар хонаи ҳамсоя» маҳсули мушоҳидаҳо ва хотироти ӯст, ки соли 2008 нашр шудааст. Китоби дигари ӯ «Шикасти афғон» ном дошта, муаллиф кӯшидааст ҳар чизеро, ки аз рӯзгори он мардум дидааст, суннатҳои зиндагияшонро мушоҳида кардааст, инъикос намояд. Ин китоб ба хонанда на танҳо дар бораи афғонистониён маълумоти ҷолиб медиҳад, балки корнамоиҳои сарбозони тоҷикро дар сангарҳои хунин ба тасвир мекашад. Бо хондани асарҳои зикршуда симои Ҳусейни Назрулло на танҳо чун тарҷумон зоҳир мегардад, балки чун публитсисти оташинсухан хонандаро бо таърихи як давраи мушаххаси Афғонистон шинос месозад.

Вақте ба зиндагӣ, кор ва осори Ҳусейни Назрулло ошно мешавед, мебинед, ки ӯ, пеш аз ҳама, журналист аст, журналисти муҳаққиқ. Ӯ ба ҳар мавзуе, ки рӯ овардааст, онро омӯхта, тамоми паҳлуҳояшро санҷида, он гоҳ ба қалам додааст. Аз ҷониби дигар, ӯ дар офаридани симои қаҳрамонони асарҳояш маҳорати хос нишон медиҳад, шахсият, кору пайкори онҳоро ҳамаҷониба меомӯзад, сипас барои хонанда бозгӯ мекунад. Достони зиндагии қаҳрамонони асарҳои ӯ мояи ибратанд. Одамони одӣ, вале машҳур, мардону занони содадил, вале покниҳоду содиқ.

Ҳусейни Назрулло дар китоби «Фотеҳони Чӯли Мирзо. Замини Акбар» дар бораи Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, депутати Шурои Олии ИҶШС, узви комиссияи тафтишотии КМ ПК Тоҷикистон Акбар Ҳоҷимуродов менависад. Муаллиф симои инсонеро инъикос кардааст, ки умри худро сарфи бунёдкориҳо ва хидмат ба халқу Ватан кардааст. Инсоне, ки манфиати давлату миллатро аз манфиати шахсиаш боло мегузорад, шабу рӯз дар андешаи ҷомеа аст. Хушбахтии худро дар хушбахтии халқ мебинад.

Офаридани симои ин гуна шахсиятҳо дорои аҳамияти хос аст. Муаллиф ба ин васила ба хонанда талқин мекунад, ки зиндагии шоиста ба инсон вақте даст медиҳад, ки дарк бинмояд «ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест».

Дар асарҳои «Роҳи муқаддас» (бо ҳаммуаллифии Ҷамол Маҳкам) ва «Накӯниҳод» низ Ҳусейни Назрулло симоҳоеро офаридааст, ки намунаи ибратанд. Роҳи тайкардаи яке аз нахустин омӯзгорон дар Осиёи Миёна, поягузори Академияи илмҳои Ӯзбекистон, омӯзгори хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон аз Истаравшан Маҳкамҷон Юлдошев ва муҳандис Ғаниҷон Носиров таъсирбахшу хотирмон аст. Инсонҳо ва тақдирҳо, нокомиҳою комгориҳо, ҳадафманд зистан, аз худ гузаштанҳо, муборизаҳо ҳақиқати зиндагии қаҳрамонони асарҳои мазкуранд.

Ҳусейни Назрулло журналист-муҳаққиқ аст. Вай набзи замонро хуб ҳис мекунад, бори ба дӯшаш афтидаро бо эҳсоси масъулият мебардорад, вазифаи худро дар баробари миллату давлат аз дилу ҷон ба ҷо меорад. Ин ҷо мехоҳам се асари пурарзиши ӯро ёдрас шавам, ки на танҳо аз назари мазмуну муҳтаво ҷолибанд, балки ҷойгоҳ ва мавқеи муаллифи худро хеле барҷаста нишон медиҳанд. Инҳо китобҳои «Истаравшан - 2500», «Баракати Истиқлол» ва «Истаравшан дар партави Истиқлол» ҳастанд. Асари «Истаравшан-2500» дар бораи таърихи мухтасари Истаравшан, ҷидду ҷаҳд ва талоши зиёиён, олимону донишмандони ҷумҳурӣ оид ба ҷашнгирии 2500-солагии Истаравшан, тавсеаи корҳои созандагию бунёдкорӣ ва омодагӣ ба ҷашн навишта шудааст. Ин китоб донишномаест, ки зери назари академик, доктори илми таърих, профессор Аҳрор Мухторов ва муҳарририи доктори илми фалсафа, профессор М. Ҳазратқулов ба зевари табъ ороста гардидааст.

Асари мазкур барои омӯзиши таърихи як гӯшаи хоки Тоҷикистон, яъне Истаравшани бостонӣ, муҳим аст. Навиштани ин гуна асарҳои хусусияти донишномаидошта кори душвор буда, аз муаллиф дониш, малака ва сабру таҳаммул тақозо менамояд.



